**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №51**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.05.2026, №51.3**

Барои сазовор донистани Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. Маркетинг ба ҳимоя 14 феврали соли 2026 қабул карда шудааст, протоколи №51.2, шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1), ки бо фармоиши Раиси КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025, №289/шд таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич, санаи таваллуд 7 июли соли 1984, соли 2007 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт» хатм намудааст.

Фаъолияти педагогии худро аз соли 2007 ба ҳайси ассистенти кафедраи маркетинг ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе оғоз намудааст.

**Роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бойматов Алиҷон Азизович.

**Муқарризони расмӣ:**

Рауфӣ Абдугаффор, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

Худоёров Шаҳриёр Худойқулович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси ҷаласа - мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

Содиқов Қурбомад Амакиевич, муқарриз – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг Сарабекова Изолат Закратовна, котиби ҷаласа - н.и.и., дотсент Зоҳирӣ Тоҷидин имзо гардидааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионӣ кори мустақилона ва баанҷомрасида мебошад, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. Маркетинг мутобиқат мекунад ва муаллифи он Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

1. Ҳамроев, Б.А. Асосҳои методологии баҳодиҳии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд, 2024. – №4 (71),– С. 106 – 113 (ISSN 2077 – 4974).
2. Ҳамроев, Б.А. Таҳлили стратегияҳои истифодаи имкониятҳои маркетингии минтақа дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд, 2024. – №3 (70),– С. 135 – 142 (ISSN 2077 – 4974).
3. Ҳамроев, Б.А. Усулҳои имитатсионии ҷойгир намудани объектҳои савдои чакана [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Ахбори академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ – Душанбе, 2023. – №2 (271),– С. 87 – 93 (ISSN 2076–2569).
4. Ҳамроев, Б.А. Баланд бардоштани рақобатпазирии объектҳои савдои чакана бо истифодаи моделҳои имитатсионӣ [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд, 2022. – №2 (61),– С. 179 – 184 (ISSN 2077– 4974).
5. Ҳамроев, Б.А. Баъзе муаммоҳои рушди савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ – Хуҷанд, 2017. – №2 (71),– С. 80 – 91 (ISSN 2411–1945).

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Мирсаидов Саидакмал Аврорович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар

самти истифодаи имкониятҳои маркетингӣ нисбатан умумӣ буда, пешниҳоди мисолҳои мушаххас аз кишварҳои пешрафта метавонад мазмунро ғанитар гардонад; 2) Дар баъзе ҳолатҳо истифода ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, аз ҷумла динамикаи нишондиҳандаҳо, метавонист муфассалтар инъикос ёбад.

**2. Шарифов Такдир Абдулмаджидович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, бо эроди зерин: барои таҳлили пурратар ва муассири вазъи имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии минтақа, хуб мебуд, ки муаллиф монеаҳое, ки ба рушди ин соҳа таъсири манфӣ мерасонанд, дар таҳқиқоташ ҷудогона зикр мекард ва онҳоро бо стратегияи маркетингӣ шарҳ медод. Ин тавр, таҳлил натанҳо вазъи ҷорӣ, балки роҳҳои эҳтимолии бартарафсозии ин монеаҳо тавассути василаҳои маркетингиро низ дар бар мегирифт.

**3. Валиев Низомиддин Шаробидинович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати рушди стратегӣ ва идоракунии сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Дар ҷадвалҳои муқоисавии пешниҳодшуда нишондиҳандаҳои минтақаҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади асоснокии таҳлил оварда мешуд, кори диссертатсиониро пурра мегардонд; 2) Ҷиҳати ба таври фарохтар диқтат додан ба самтҳои иқтисоди рақамӣ, хосатан маркетинги рақамӣ ва тиҷорати электронӣ камтар эътибор дода шудааст.

4. **Сатторова Манзурахон Раҳмоновна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷменти МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо эроди зерин: Таҳлили фаъолияти корхонаҳои алоҳида дар сатҳи микроиқтисодӣ метавонист боз ҳам амиқтар ва васеътар пешниҳод гардад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст. Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба самти илми дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

***коркард карда шуд:*** муқарраротии илмӣ-амалӣ оид ба такмили фаъолияти маркетингии ширкатҳо бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо тавассути истифодаи имкониятҳои маркетингӣ дар бозори озуқаворӣ, аз ҷумла таҳияи стратегияҳои маркетингии ҳамгирой ва рушди инноватсионӣ, фароҳам овардани шароит барои ташаккулёбии низоми муносибатҳои рақобатӣ, истифодаи моделиронии имитатсионӣ дар раванди қабули маҷмӯъи қарорҳои маркетингӣ;

***ақида пешниҳод шудааст,*** ки тавсеа ва истифодаи самараноки имкониятҳои маркетингии субъектони дилхоҳи хоҷагидорӣ, алалхусус корхонаҳои соҳаи истеҳсол ва савдои маҳсулоти истеъмолӣ барои таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа мусоидат;

***исбот шудааст,*** ки баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа ва субъектҳои хоҷагидории минтақавӣ ва ба даст овардани самараи мусбат аз ҷойгиронии рақобатпазири онҳо дар фазои иқтисодии минтақавӣ ҳангоми истифодаи усулҳои маркетинги МИКС ё 4P – маҳсулот ва нархи он, алоқа ва ҳавасмандкунӣ афзоиш меёбад, инчунин ҳар як унсури комплекс дар алоҳидагӣ ба рақобатпазирии умумии минтақа таъсири назаррас мерасонад;

***ворид намудани*** тағйирот ба мафҳуми таҳқиқот дар асоси низобандии муқарраротҳои илмӣ оид ба имкониятҳои маркетингӣ ва рақобатпазирии минтақа, ки тибқи он: «Имкониятҳои маркетингӣ афзалиятҳо ва ҷанбаҳои қавии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд, ки ба рақобатпазирии корхона бартарӣ медиҳанд», «Рақобатпазирии минтақа истифодаи самараноки имкониятҳои захиравии минтақа дар муқоиса бо дигар минтақаҳо, ки дар тамоюли афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ ифода меёбад».

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки**

***исбот намудани*** исбот карда шудааст, ки баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа ба шарте муяссар мешавад, ки низоми муносибатҳои рақобатӣ ташаккул ёбад ва онҳо бо натиҷаи вокуниши зуд ба тағйироти талаботи аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ бо корхонаҳои калон дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ дар бозорҳои маҳаллӣ бомуваффақият рақобат кунанд;

***истифода бурдани*** усулҳои муосири таҳлили илмӣ барои муайян намудани тамоил, ҳалли муаммоҳо, самтҳои истифодаи имкониятҳои маркетингӣ дар таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа. Дар ҷараёни тадқиқот низомманду таркибӣ, сабабу натиҷа, омӯзиши омилҳо, экспертӣ–таҳлилӣ, иқтисодӣ–риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ, пурсишнома ва ғайра истифода шудаанд.

***баён шудани*** саҳми маркетинг чун муваллид ё тавлидкунандаи афзалиятҳои рақобатӣ дар заминаи воқеиятҳои иқтисодӣ дар шаҳрҳои хурд ва ноҳияҳо, самаранокии истифодаи имкониятҳои маркетингӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии минтақа. Дар ин асно ширкатҳо аз рӯи ҳиссаи бозор ва суръати рушд тавассути матритсаи гурӯҳи машваратии Бостон гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

***ошкор гардидани*** омилҳои боздорандаи рушди соҳаи савдо, аз ҷумла сатҳи пасти заминаи ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, татбиқи сусти усулҳо ва шаклҳои инноватсионии хизматрасонӣ ба муштариён, набудани маданияти баланд дар соҳаи савдо, рушди сусти ҷузъҳои таркибии инфрасохтори соҳаи савдо, сатҳи баланди меъёрҳои андоз ва инкишофи нокофии муносибатҳои молиявию қарзӣ ва дигар омилҳои манфӣ, ки боиси маҳдуд шудани фаъолият ва рақобатпазирии корхонаҳои савдо мегарданд.

***омӯхтани*** таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи имкониятҳои маркетингӣ дар ташкил ва фаъолияти самараноки бозори хӯроквορӣ, дар асоси он ҷанбаҳои қобили қабул муайян гардидааст, аз ҷумла афзоиши истеҳсоли аграрӣ, содирот ва коҳиши вобастагӣ аз воридот (Русия ва Ӯзбекистон); рушди савдои чакана, хизматрасонӣ ва рақамисозии бозор (Туркия) рушди тиҷорати электронӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва воридшавӣ ба бозорҳои рақобатпазир (Ҷумҳурии Мардумии Чин); беҳтар кардани занҷири таъминот ва коҳиши миёнаравҳо (Қазоқистон);

***аз нав такмил додани*** истифодаи мақсадноки имкониятҳои маркетингӣ тавассути моделсозии фурӯш, алоқаи муассир бо истеъмолкунанда ва мутобиқсозии ассортименти маҳсулот метавонад ба баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои савдо ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат намояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** ба тариқи зайл тасдиқ карда мешавад:

***ҷорӣ карда шуданд:*** Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот аз ҷониби Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд истифода гардидаанд (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 236 аз 13.06.2025). Баъзе муқаррароти илмии таҳқиқот дар раванди такмили ҷараёни таълими фанҳои маркетинг, таҳқиқоти маркетингӣ, иқтисодиёти минтақа, иқтисодиёти корхона, менеҷмент мавриди истифода қарор дода шудаанд (маълумотномаи МДТ ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд № 1127 аз 23.12.2024).

***муайян карда шуданд,*** ки иқтидори иқтисодии вилояти Суғд дар зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад. Алалхусус: сатҳи номуносиби даромаднокии аҳолӣ, норасоиҳо дар пойгоҳи меъёрии ҳуқуқӣ, татбиқи сусти шаклҳои инноватсионии хизматрасонӣ ба мизоҷон, кофӣ набудани донишу маданияти маркетингӣ ва рушд наёфтани инфрасохтори бозорӣ.

***офарида шуд:*** модели имитатсионӣ бо харитаи ҷойгиршавии корхонаи фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ дар шаҳри Хуҷанд таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Инчунин тамоюлоти ҳиссаи бозори корхонаҳои фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ дар шаҳри Хуҷанд бо индекси Херфиндал-Хиршман асоснок карда шудааст. Дар асоси он таҳлили самтҳои истифодаи мақсадноки имкониятҳои маркетингӣ, аз ҷумла истифодаи стратегияҳои BTL, ATL, рекламаи ҳадафнок, сифати хизматрасонӣ, моделсозии фурӯш, мутобиқсозии анвои маҳсулот пешниҳод гардидааст, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамоянд;

***муаррифӣ карда шуд:*** тавсияҳои илмию амалӣ оид ба истифодаи имкониятҳои маркетингӣ барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои савдо ва саноатӣ, ки дар доираи хоҷагии минтақавӣ фаъолият мебаранд, аз ҷумла таҳияи моделҳои ташкилӣ ва стратегияи маркетингӣ бо назардошти ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, имкониятҳои инфрасохторӣ ва хусусиятҳои харидории аҳолӣ; такомули коммуникатсияҳои маркетингӣ ва рекламаи дохилимағозавӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

назария дар асоси муқаррароти бунёдии консепсияҳои иқтисодиёти бозорӣ, рушди минтақавӣ, фаъолияти маркетингӣ, рақобат ва рақобатпазирии корхонаҳо, инчунин таҳқиқоти илмию назариявии олимони ватанию хориҷӣ ба роҳ монда шудааст.

***ғояи*** тадқиқот ба паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2030; Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025, маълумоти омори расмӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асоснок шудааст;***

***муайян шудааст,*** ки баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа ва субъектҳои хоҷагидории минтақавӣ ва ба даст овардани самараи мусбат аз ҷойгиронии рақобатпазири онҳо дар фазои иқтисодии минтақавӣ ҳангоми истифодаи усулҳои маркетинги МИКС ё 4P – маҳсулот ва нархи он, алоқа ва ҳавасмандкунӣ афзоиш меёбад, инчунин ҳар як унсури комплекс дар алоҳидагӣ ба рақобатпазирии умумии минтақа таъсири назаррас мерасонад. Аз ҷумла, мавқеи

калидии маркетинг дар самтҳои интихоби ҷой, тахассусмандӣ, теъдоди нуқтаҳои савдо, нархгузорӣ, устуворӣ ва инноватсия, тамғаҳои молӣ асоснок карда шудааст.

**истифода шудаанд:** муқаррароти асосии диссертатсия, самтҳои асосии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба назарияҳои бунёдии иқтисодӣ, ба таҳқиқоти илмию назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масоили мавриди баррасӣ мутобиқат мекунанд ва эътимодбахш мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- иштироки бевоситаи довталаб дар ҷамъоварии мавод, интихоби мавзуъ, тартиб додани нақшаи диссертатсия, иҷрои он, коркарди маводи таҳқиқот, баромад ва маърузаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва нашри мақолаҳо;
- аз рӯйи мавзуи кори диссертатсионӣ интишори 11 мақола бо ҳаҷми умумии 3,4 ҷ.ч., аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷлис аз 02 майи соли 2026 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. Маркетинг қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктортрони илм 9 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм, инчунин оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар доктори илм иштирок доштанд. Аз 10 нафар иштирокдорони маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и.** **Саиджонов С.Ш.**

*02 майии соли 2026*